Ба дурустӣ, ки Худованд танҳо он амалеро мепазирад, ки холисона барои Ӯ анҷом дода шуда бошад ва бо он танҳо розигии Худованд талаб карда шуда бошад

Аз Абуумомаи Боҳилӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Марде назди Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад ва гуфт: Агар марде барои мол ва шуҳрат ба ҷиҳод равад ва биҷангад, барои ӯ чӣ аст? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Барояш ҳеҷ чиз нест." Он мард ин саволро се маротиба такрор кард ва ҳар бор Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барояш ҳамон ҷавобро мегуфт: "Барояш ҳеҷ чиз нест." Баъд аз он Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Ба дурустӣ, ки Худованд танҳо он амалеро мепазирад, ки холисона барои Ӯ анҷом дода шуда бошад ва бо он танҳо розигии Худованд талаб карда шуда бошад."

[Саҳеҳ] [رواه النسائي]

Марде назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад, то аз ӯ дар бораи марде, ки барои молу шуҳрат ва аҷру савоби Худованд ҷиҳод мекунад, бипурсад. Оё ӯ аҷру савоб мегирад? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: Ӯ ҳеҷ аҷру савобе дарёфт намекунад, зеро дар нияти худ ғайри Худоро шарик намудааст. Он мард се маротиба ин саволро аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсид. Паёмбар ҳар бор ҳамон ҷавобро такрор ва таъкид намуданд, ки "барои ӯ аҷр нест." Баъд аз он Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) қоидаи қабули амал дар назди Худовандро гуфтанд, ки Худованд танҳо он амалро қабул мекунад, ки пурра барои Ӯ ва танҳо барои розигии Ӯ анҷом шудааст, бе шарик қарор додани касе ё чизе дигар дар он амал.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65107